**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

Дар замони муосир, ки таҳдиду хатарҳо ба рушди давлат таъсири манфӣ расонида, амнияти давлатро халалдор месозанд ва метавонанд ба вазъи қонуният, тартибот ва дар ниҳояти кор ба ташаккули давлати демокративу ҳуқуқбунёд аз бисёр ҷиҳат таъсири манфӣ расонанд, пайваста баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аъзоёни ҷомеа аҳамияти бештар пайдо намудааст. Ташаккули давлати ҳуқуқбунёдро бе рушди падидаҳои мазкур тасаввур намудан ғайриимкон аст. Ҳамзамон, устувории тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ вобаста мебошад.

Аз таҳлили масъала бар меояд, ки таҳиқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзӯи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» як пажуҳиши мустақили илмӣ буда, он дар натиҷаи анҷом додани корҳои назарраси таҳқиқотии муаллиф ба вуҷуд омадааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии такризшаванда хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, дар шароити эмори давлати ҳуқуқбунёд муҳим мебошад.

Таълиф гардидани таҳқиқоти мазкур ҳамчун таҳқиқоти илмӣ дар раванди кунунӣ барои мақомоти корҳои дохилӣ аз бисёр ҷиҳат мубрам мебошад, аз ҷумла:

1. Мавзӯи диссертатсионии тақризшаванда дар шароити ислоҳоти соҳаи мақомоти корҳои дохилӣ саривақтӣ буда, барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони ин соҳа метавонад заминаҳои илмӣ ва назариявӣ гузорад. Зеро хулоса ва нуктаҳои илмие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, ҷиҳати баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ, маҳорату малакаи касбӣ ва коҳиш додани сатҳи шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамояд.

2. Диссертатсияи тақризшаванда дар заминаи мавзӯи илмии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Шуур ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои мубрами назария ва амалия барои солҳои 2021-2025» ном дорад, омода гардидааст.

3. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар самти иҷроиши мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (2023-2028)», ки аз 1 декабри соли 2023 тасдиқ шудааст ва дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор дорад, мусоидат менамояд.

4. Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидааст, аз ин рӯ, анҷом додани тадқиқоти диссертатсионии тақризшаванда дар самти амалинамоии сиёсати давлатӣ равона гардидааст.

Ин аст, ки дар шароити демократикунонии густурдаи ҷомеа ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва маҳорату малакаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ боз ҳам аҳамияти бештар касб намудааст.

Аз ин рӯ, метавон иброз намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда, дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13 асари илмӣ инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии кор, инчунин дар таҳқиқоти диссертатсионии баррасишаванда якчанд масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасад, аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ раванди ислоҳоти милитсия ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, нуктаҳои илмӣ вобаста ба ин масъала пешниҳод гардидааст. Вале аз ҷониби муаллиф ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия», ки қабул гардидани он яке аз бахшҳои асосии ислоҳоти милитсия мебошад, таваҷҷуҳи лозима зоҳир нагардидааст. Аз ҷониби диссертант манзур кардани пешниҳодҳои асоснок ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» ба манфиати кор мебуд.

2. Диссертант дар сатҳи зарурӣ масъалаи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро таҳқиқ намуда, хулосаву нуктаҳои илмиро пешниҳод намудааст. Аммо дар баробари шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба масъалаи маърифати ҳуқуқӣ ва маърифатикунонии аҳолӣ як андоза таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст. Ҳоло он ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамчун самти махсуси сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар амалӣ гардидани он нақши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ худ сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ дошта бошанд, то ба шаҳрвандон мазмуни меъёрҳои қонунгузориро ба таври зарурӣ фаҳмонида тавонанд. Ҳамзамон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар иттилоотикунонии ҳуқуқии аҳолӣ, ташвиқ ва тарғиби ҳуқуқӣ ва дар умум паҳн намудани донишҳои ҳуқуқӣ фаъолияти назаррас дошта бошанд. Аз ин рӯ, мехостам андешаи муаллифи дисертатсия шунида шавад.

Бояд иброз намуд, ки эродҳои мазкур ба сатҳи илмӣ ва мазмуни баланди таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсиргузор намебошад.

Дар натиҷаи таҳлили автореферати диссертатсия метавон хулоса намуд, ки мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», ки барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва унвонҷуй бошад, арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

Вазири корҳои дохилии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон,
генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ.

*Ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат*

Имзои Раҳимзода Р.Ҳ.-ро тасдиқ
менамоям:
сардори Раёсати кадрҳо ва кор бо
ҳайати шахсии Вазорати корҳои
дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
генерал-майори милитсия Халилзода Ҳ.С.
25.10.2024

*Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ҷ. Икромӣ 29*
*Факс / телефони боварӣ: (+992 37) 221-21-21*